## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Савм (рӯза) дар луғат ба маънои парҳез кардан аст. Ва дар истилоҳи шаръ: Ибодати Аллоҳ таъоло бо даст кашидан аз таом ва шароб ва дигар ботил-ку-нандаҳои рӯза аз дамидани субҳ, то нишастани оф-тоб аст.

## Асосҳои рӯза

1-Ният доштан.
2-Аз ботилкунандаҳои рӯза худро нигаҳ доштан.

## Навъҳои ният дар рӯза гирифтан

1-Нияти рӯзаи фарз: Зарурӣ аст, ки дар шаб пеш аз азони бомдод ният кунад ва як бор ният кардан дар оғози моҳи Рамазон то поёни он кофӣ аст. Ва маҳа-ли ният қалб аст ва ба забон гуфтани ният бидъат аст.
2-Нияти рӯзаи нафл: Нияти он дар ҳар вақти аз рӯз дуруст аст, модоме ки яке аз ботилкунандаҳои рӯ-за-ро муртакиб нашуда бошад, бо ин вуҷуд аҷри ӯ аз ҳангоме ки ният мекунад, ҳисоб мешавад.

## Навъҳои рӯза

1-Фарз (рӯзаи Рамазон, кафорат ва назр).
2-Нафл (суннат).

## Шартҳои фарз будани рӯзаи Рамазон:

1-Ислом.
2-Ақл.
3-Балоғат (ва касе ки хуб ва бадро фарқ мекунад, ба он ташвиқ мешавад ва ӯро валияш ба рӯза дош-тан амр мекунад).
4-Муқим будан (пас рӯза бар мусофир фарз нест, вале беҳтар ин аст, ки рӯза бигирад, модоме ки бар вай машаққат набошад ва далел феъли Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст. Ҳамчунин дар ин адои коре аст, ки бар зиммаи вай буда ва дар он дарёфтани фазилати ин моҳ мебошад.
5-Саломат будан.
6-Аз ҳайзу нифос пок будан.



## Беморӣ дар рӯза доштан бар ду навъ аст

1-Беморие, ки умеди шифо дар он набошад ва куҳансоле, ки тавони рӯза гирифтанро надорад ба он мепайвандад, дар ин ҳолат рӯза бар ӯ фарз намебошад ва локин  дар баробари ҳар рӯз як мискинро ғизо медиҳад, ки метавонад ба адади рӯзҳое ки рӯза нагирифта, мискинҳоро ҷамъ кунад ва ба онҳо таоми шом ё наҳор бидиҳад, ё ки дар баробари ҳар рӯз як  мискинро чоряки соъи на-бавӣ (баробар бо 510 грам аст) гандум бидиҳад ва некӯ аст агар ба ҳамроҳи он гушт ва ё равған ҳам бидиҳад.
2-Бемorie, ки дар он умеди шифо аст ва рӯза бар вай машаққат меорад ва ҳоиз ва нуфасо ва зане ки бачаашро шир медиҳад ва мусофир ба он ме-пайвандад, ки ба адади рӯзҳое, ки нагирифта аст қазои онҳоро мегирад ва агар пеш аз шифо ёфтан, фавтид, чизе бар зимааш намебошад.

## Ботилкунандаҳои рӯза

(Касе ки ҳукмро надонад ва касе ки фаромуш кар-да ва ё бар он маҷбур шуда бошад, узрдор аст)
1-Қасдан хӯрдан ва нӯшидан ва агар фаромуш кунад, рӯзааш саҳеҳ аст.
2-Ҳамхобагӣ бо ҳамсар, агар дар рӯзи Рамазон бо-шад ва рӯза бар ӯ фарз бошад, кафораи сахт бояд бидиҳад ва он иборат аст аз озод кардани ғулом, агар ғулом озод карда натавонист, ду моҳ  пай дар пай рӯза мегирад ва агар рӯзи гирифта натаво-нист, шаст мискинро таом медиҳад.
3-Хориҷ кардани манӣ бо оғуш гирифтани ҳамсар ва бӯсидан ва худро ба ӯ часпонд ё монанди ин.
4-Он чи монанди хӯрдан ва нӯшидан бошад, мо-нанди сузандоруҳои ғизодиҳанда, аммо ғайри ғи-зодиҳанда ботилкунандаи рӯза намебошад.
5-Ҳиҷомат кардан, аммо миқдори каме барои санҷиш (анализ) хун гирифтан ва монанди он бо-тилкунандаи рӯза намебошад.
6-Қасдан қай кардан.
7-Ҳайз ва нифос.



## Мустаҳабҳои рӯза

1-Хӯрдани саҳарӣ.
2-Дар хӯрдани саҳарӣ таъхир кардан.
3-Дар кушодани рӯза шитоб кардан.
4-Бо хурмои тоза ифтор кардан ва агар хурмои тоза наёфт, бо хурмои хушк ифтор кунад ва адади он тоқ бошад ва агар хурмои хушк наёфт чанд ҷуръа об бинӯшад. Ва агар инро ҳам на-ёфт дар қалбаш нияти ифтор кунад.
d6-Зиёд садақа додан.
7-Дар хондани намози шаб кушиш кардан.
8-Тиловати Қуръон.
9-Умра кардан.
10-Ба касе ки ӯро дашном медиҳад, бигӯяд: Ман рӯза дорам.
11-Дар ҷустуҷӯи шаби қадр бошад.
12-Дар даҳ рӯзи охир эътикоф нишастан.

## Макруҳҳои рӯза

1-Дар об дар даҳон ва бинӣ кардан зиёдаравӣ намудан.
2-Беҳоҷат чашидани таом.

## Он чи дар рӯза мубоҳ аст

Оби даҳонро фурӯ бурдан,  барои ҳоҷат ча-ши-дани таом, оббозӣ кардан, мисвок задан, атр задан ва худро хунук кардан.

## Он чи барои рӯзадор ҳаром аст

Фурӯ бурдани балғам, аммо рӯзаро ботил на-мекунад. Бӯсидан барои касе ки метарсад рӯза-ашро ботил кунад. Ва қавли зур (ва он ҳар ама-ли ҳаром аст). Нодонӣ (бадахлоқӣ ва беса-брӣ). Ва рӯзаи висол (ду рӯз пай дар пай ифтор накар-дан).

## Рӯзаҳои суннат:

1-Шаш рӯзи шаввол, барои касе ки рӯзаи Рама-зонро тамом карда бошад ва беҳтар он аст, ки аз рӯзи дуввуми шаввол ва пай дар пай бошад.
2-Рӯзаи рӯзи арафа барои ғайри ҳоҷӣ.

3-Рӯзаи рӯзи даҳум, нуҳум ва ёздаҳуми моҳи муҳаррам.
4-Рӯзаи рӯзи душанбе ва панҷшанбе.
5-Дар ҳар моҳ се рӯз рӯза гирифтан ва беҳтар он аст, ки рӯзҳои бийз (13-14-15) бошад.
6-Як рӯз пас рӯза гирифтан.
7-Дар моҳи муҳаррам рӯза гирифтан.
8-Рӯзаи нуҳ рӯзи аввали зулҳиҷҷа.
9-Дар моҳи шаъбон рӯза гирифтан ва он моҳро пурра рӯза нагирифтан.

## Рӯзаи макрӯҳ

Дар рӯзи ҷумъа, шанбе ва якшанбе ба танҳоӣ рӯза гирифтан ва агар сабабе дошта бошад монанди мувофиқ шудан бо рӯзи арафа, дар он кароҳияте нест.

## Рӯзаи ҳаром

1-Хос гардондани моҳи раҷаб ба рӯза гирифтан.
2-Рӯзаи рӯзи шак, аммо агар мувофиқ бо рӯз-ҳое бошад, ки ҳамеша рӯза мегирад, бар вай гу-ноҳе нест.
3-Дар рӯзи иди фитр ва қурбон рӯза гирифтан.
4-Дар рӯзҳои ташриқ (11-12-13 моҳи зулҳиҷҷа) рӯза гирифтан, магар барои касе ки ҳадя надош-та бошад.
5-Ба таври доимӣ рӯза гирифтан. Мустаҳаб аст қазои рӯзаҳои ногирифта пай дар пай бошанд ва бояд тезтар баъд аз ид шурӯъ ба гирифтан кунад ва таъхири он то Рамазони оянда ҷоиз намебошад. Ва агар беузр ба таъхир андозад гунаҳгор мешавад, аммо бар қазои вай чизе зиёд намешавад.

## Закоти фитр

Пардохти он барои касе ки рӯзи охири Рамазон офтоб бар вай ғуруб кунад ва мусалмон бошад ва як соъ бештар аз хӯроки худ ва хонаводааш дошта бошад, воҷиб мебошад.

## Ҳикмати он

1-Барои рӯзадор аз корҳои беҳуда ва ношоиста поккунанда аст.
2-Дар рӯзи ид мискинонро аз талбидан бениёз месозад.



## Вақти пардохти он

1-Ҷоиз аст як рӯз ё ду рӯз пеш аз ид пардохт ша-вад.
2-Мустаҳаб аст пеш аз намози ид ва баъд аз на-мози субҳ пардохт шавад.
3-Ҳаром аст баъд аз намози ид пардохт шавад.

## Миқдори он

Як соъ аз таоми одамӣ мебошад ва пардохти пули нақд дар ҷои он намешавад. (Як соъ ду кило ва чил грам мебошад).

Намози ид

Бар ҳар мусалмон фарзи айн аст. Ва вақти он аз боло омадани офтоб ба андозаи як найза аст то заволи он. Ва агар фавт шавад, қазо надорад, суннат аст дар саҳро ва берун аз шаҳр хонда шавад. Дар масҷид хондани он низ ҷоиз аст.
Ва суннат аст, ки пеш аз намозгоҳ рафтан хурмо бихӯрад ва адади он тоқ бошад ва худро покиза кунад ва атр занад ва беҳтарин либоси худро бипӯшад ва за роҳе ки ба намозгоҳ рафтааст боз нагардад. Ва ишколе надорад ки дар табрики ид бигӯяд: Аллоҳ аз мо ва шумо қабул кунад. Ва такбир гуфтан дар шаби ид ва баъд аз ҳар намоз то нишас-тани офтоби рӯзи ид суннат аст ва лафзи он: «Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллал-лоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллоҳил ҳамд». Ва намози ид ингуна хонда мешавад: Ду ракаат аст ва пеш аз хутба адо мешавад ва дар ракаати якум баъд аз такбири эҳром шаш такбир ва дар ракаати дуввум пеш аз қироат панҷ такбир ғайр аз такбири қиём гуфта мешавад.



ВАҚФ БАРОИ АЛЛОҲ ТАЪОЛО

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

# ФИҚҲИ РӮЗА

МУАЛЛИФ:
ШАЙХ ҲАЙСАМ МУҲАММАД ҶАМИЛ САРҲОН

Мударрис дар Маъҳади Ҳарам дар масҷиди Набавӣ



WWW.ATTASSEEL-ALELMI.COM